# Таахходи мо нисбат ба тавофукномаи сулхи Точикистонро фаромӯш накунем!

Муаллиф: Абдулхай Хуросонӣ
20.09.2015 09:39

Кохи сапедор ва вазорати умури хоричаи Афгонистон расман масъулият дорад ба унвони яке аз кишвархои муассир  дар имзои сулхи кишвари Точикистон аз мафоди муохидаи сулх дар дифоъ аз хукуки маданӣ, сиёсӣ ва шахрвандии аъзо ва хизби нахзати исломии  Точикистон ба хукумати Точикистон тазаккури дӯстона бидихад ва бехтар аст доктор Абдуллох шахсан бо раиси чумхури Точикистон дар ин бора сухбат намояд.

Точикистон умки истротежики  чугрофиёи тамаддунӣ ва табиии фархангии мост ва бойист муносиботи мо дар хамаи заминахо истротежик ва хадафманд бошад.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки шахид Масъуди азиз аз тамомияти арзии Точикистон бо хамон ишку ирода дифоъ намуд ки аз кишвару зодгохи худ!

***Сабур Рахил, сиёсатшиноси афгонистонӣ***

***Банда харгиз бовар надорам ки Абдуллох халафулсидки(чонишини ростин)***

***сиёсии роху расми устод Раббонӣ ва Масъуд ( ки рахмати Худо бар хардуяшон бод!)бошад. Бо ин хам касоне ки чунин меангоранд, холо бехтарин фурсат аст, ки ба фармоишоти окои Хуросонӣ таваччух кунанд. Албатта, вазифаи таваччух кардан ба ин асл кори асосӣ ва аввалияи Абдуллох( доктор Абдуллох)  ва Салохиддин(Раббонӣ) будааст. Агар инхо ба ростӣ худро халафи роху расми бузургони мо мехонанд, бояд пеш аз он ки чаноби Хуросонӣ ё каси дигаре чизе***

***бар забон оваранд, икдом мекарданд. Бо он хам ин газу он майдон. Собит бисозанд ки халафулсидканд, хадди акал дар хамин як маврид.***

Абдулхай Хуросонӣ

Таахходи мо нисбат ба тавофукномаи сулхи Точикистонро фаромӯш накунем!

(баргардон аз форсӣ)

Ривояти як хотира ва ёдоварии масъулияти истротежики Кобул  дар баробари авзои Точикистон ба Кохи сапедор( Раёсати ичроия) ва Вазорати умури хорича!

 “...мубойлам занг зад, шумораи сатилойт буд, он тарафи хат Омир сохиб(Ахмадшох Масъуд) буд. Баъд аз салом бо салобат дастур дод: “ Хамин холо меравӣ пеши Устод Абдулло Нурӣ ва мавзуъи сулхро ки аз тарики мухобира ба Шумо расида худат мебарӣ ва аз пеши устод ба хамин шумора ба ман занг мезанӣ! Фахмида шуд, иншоолох”.

Дастур ба хамин котеият ва шаффофият буд. Ман хамон рӯз аз Техрон озими Карач шудам ва шодравон устод Абдуллохи Нуриро дар манзилаш мулокот намудам ва аз хамон чо шумораи Омир сохибро гирифтам ва устод Нурӣ бо Омир сохиб худуди як соат сухбат намуданд.

Сухбати Омир сохиб бо шодравон устод Нурӣ рӯйи се мехвари аслӣ устувор буд.

1)  Халъи  силохи муборизини точики мустакар дар Тахористон

2)   Таахҳуд ва тазмини Афғонистон дар қиболи таахҳудоти давлати Тоҷикистон

3)  Ёдоварии таҷрибаи манфии Афғонистон аз  ҷанг ва   ташвиқ ба сулҳу ободонии Тоҷикистон ва ин ки Раҳмонуф(он вақт эшон Раҳмонуф буданд) ба таахҳуди худ амал менамояд, иншооллоҳ.

Баъд аз суҳбат устод Нурӣ  мутаассир ва нигарон буд ва зимни ин ки оҳе амиқ кашид, гуфт:

“... Хайр, мо ба Омир соҳиб ва ҷаноби Устод ба андозаи худамон эътимод дорем...аммо ман эътимод ба Маскав ва Душанбе надорам ва ман мувофиқи халъи силоҳи мубориздини тоҷик то амал намудани давлати Раҳмонуф ба мафоди сулҳ нестам... Хайр, чӣ кунем, ҳоло ки дасти бародарони мо ҳам танг аст, ба Омир соҳиб мувофиқат кардам...Аммо нигарони такрори таърихи мубориздини Бухор(?) ҳастам...”

Бале, мисли ин ки равоншод устод Абдуллоҳи Нурӣ имрӯзро пешбинӣ менамуд.

Кохи сапедор ва вазорати умури хориҷаи Афғонистон расман масъулият дорад ба унвони яке аз кишварҳои муассир  дар имзои сулҳи кишвари Тоҷикистон аз мафоди муоҳидаи сулҳ дар дифоъ аз ҳуқуқи маданӣ, сиёсӣ ва шаҳрвандии аъзо ва ҳизби наҳзати исломии  Тоҷикистон ба ҳукумати Тоҷикистон тазаккури дӯстона бидиҳад ва беҳтар аст доктор Абдуллоҳ шахсан бо раиси ҷумҳури Тоҷикистон дар ин бора суҳбат намояд.

Тоҷикистон умқи истротежики  ҷуғрофиёи тамаддунӣ ва табиии фарҳангии мост ва бойист муносиботи мо дар ҳамаи заминаҳо истротежик ва ҳадафманд бошад.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки шаҳид Масъуди азиз аз тамомияти арзии Тоҷикистон бо ҳамон ишқу ирода дифоъ намуд ки аз кишвару зодгоҳи худ!

Мамнуъ шудани фаъолиятҳои сиёсии ҳизби исломӣ ва муътадилнаҳзати Тоҷикистон на танҳо мугойири тафоҳумномаи сулҳ мебошад, балки ин рафтори мустабидона ва ба дур аз хирадварзӣ ва тааккули сиёсӣ метавонад заминаи зуҳури гурӯҳҳои террурист ва ифротиро муҳайё кунад.

Амният ва суботи Тоҷикистон амният ва суботи мост ва бояд заминаи ин эътимод миёни ду кишвар фароҳам ояд.